## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Р.Я. Шарифов ба диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 – Таърихи умумӣ). – Душанбе, 2026. – 172 с.**

Таърихи сиёсии Афғонистони охири асри XX-ибтидои асри XXI бо таҳаввулоти сохтори идории замони М. Наҷибуллоҳ (с.1986-1992), ба сари қудрат омадани Муҷоҳиддин (1992-1996) таъсиси Ҷумҳурии исломии Афғонистон ва ба сари қудрат расидани «Толибон» (1996-2001), таъсиси Аморати исломии Афғонистон, аз маҷмуи ноустувории вазъи сиёсӣ ва мураккаб гардани ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ гувоҳи дода, боиси шикасти зерсохторҳо, куштори зиёди сокинон ва аз мактаб дур мондани насли наврас гардида, Афғонистонро ба даҳсолаҳо қафо партофт.

Тазаккур бояд дод, ки омӯзиш ва таҳқиқи вазъияти сиёсӣ-низомии Афғонистони охири асри XX-ибтидои асри XXI аз лиҳози аҳаммияти таҳқиқи қиёсии илмӣ-таърихӣ ва назариявӣ муҳим ва зарур дониста мешавад. Маҳз мавзуи диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон ба масъалаи таҳлили вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон (солҳои 1992–2001) бахшида шуда, дар мактаби таърихнигории ватанӣ кӯшиши нахустин мебошад.

Солҳои 1992–2001 дар таърихи сиёсии Афғонистон бо таҳаввулоти амиқи сиёсӣ-низомӣ, тағйири сохторҳои идории ҳокимият, шиддат гирифтани низоъҳои мусаллаҳонаи дохилӣ, рақобати гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ, заъфи ниҳодҳои давлатӣ ва мушкилоти ташаккули давлати мутамарказ мешавад. Ҳамзамон, зуҳур ва густариши ҳаракати «Толибон», афзоиши дахолати неруҳои хориҷӣ ба равандҳои дохилии

кишвар ва тадриҷан байналмилалӣ шудани низои Афғонистон ба вазъи сиёсӣ ва амниятии минтақа таъсири назаррас расониданд.

Бояд таъкид кард, ки омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои сиёсӣ, низомӣ, иҷтимоӣ ва хориҷии таҳаввулоти Афғонистони охири асри XX-ибтидои асри XXI сабаби дарки воқеаҳои таърихи муосири кишвар ва ҳамзамон, дар мавриди рушан намудани хусусият ва мушкилоти раванди давлатсозӣ дар шароити низоъҳои дохилӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992 - 2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси 6D020302 – Таърихи умумӣ комиланмутобиқат менамояд. Мундариҷа ва самти таҳқиқ ба доираи масъалаҳои таърихи сиёсии Афғонистон, таҳаввулоти сиёсӣ-низомӣ, муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, равандҳои давлатсозӣ ва таъсири омилҳои байналмилалӣ ба рушди сиёсии кишвар дар охири асри XX-ибтидои асри XXI бевосита дорад.

Диссертатсия аз нуктаи назари объекти таҳқиқ, масъалаҳои мавриди омӯзиш, мақсаду вазифаҳои гузоштташуда ва натиҷаҳои бадастомада ба самтҳои асосии таҳқиқоти таърихи умумӣ мувофиқат намуда, масъалаҳои муҳимми таърихи муосири Афғонистонро дар заминаи равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф кӯшиш намудааст равандҳои сиёсӣ-низомии Афғонистонро дар робитаи мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода, сабабҳои буҳрони давлатдорӣ, омилҳои заъфи сохторҳои ҳокимият ва монеаҳои ташаккули давлати мутамарказро муайян намояд. Чунин

муносибати таҳлилӣ барои амиқтар намудани натиҷагирии илмӣ оид ба вазъи рушди сиёсии Афғонистон дар охири асри XX мусоидат менамояд.

Бо назардошти аҳаммияти мавзуъ, доираи васеи масъалаҳои мавриди таҳқиқ ва натиҷаҳои бадастомада, диссертатсияи мазкурро метавон ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ арзёбӣ намуд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Навгонии илмии диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур яке аз кӯшишҳои нахустини мукаммал дар доираи мактаби таърихнигории муосири ватанӣ ба шумор рафта, ба омӯзиши ҳамаҷониба ва низомманди вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 бахшида шудааст.

Муаллиф дар доираи таҳқиқот бо истифода аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, санадҳои расмӣ, адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа равандҳои асосии сиёсӣ-низомии Афғонистонро мавриди таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор додааст.

Дар диссертатсия, аз ҷумла, заминаҳо ва омилҳои ба қудрат расидани гурӯҳҳои мухолифи исломӣ, хусусиятҳои ихтилофоти дохилии байни неруҳои сиёсию низомӣ, таъсири ин ихтилофот ба раванди ташаккули давлати мутамарказ, инчунин сабабҳо ва омилҳои зуҳуру густариши ҳаракати «Толибон» таҳлил гардидаанд.

Ҷанбаи дигари навгонии таҳқиқот баррасии равандҳои сиёсӣ-низомии Афғонистон дар иртиботи мутақобилаи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ифода меёбад. Диссертант нақши омилҳои байналмилалӣ ва дахолати неруҳои хориҷиро дар таҳаввулоти сиёсию низомии кишвар мавриди арзёбӣ қарор дода, таъсири онҳоро ба раванди давлатсозӣ ва вазъи амниятии Афғонистон нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки диссертант дар омӯзиши масъалаи мавриди назар мавқеи мустақили илмӣ дошта, тавонистааст бо такя ба сарчашмаҳо ва адабиёти илмии гуногун масъалаҳои асосии давраи таҳқиқшавандаро ба таври низомманд таҳлил намояд. Аз ин рӯ, навгонии илмии диссертатсияро қобили қабул ва дорои аҳаммияти назаррас барои таърихнигории муосири Афғонистон дар Тоҷикистон арзёбӣ кардан мумкин аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, ба дақиқӣ ва саҳеҳии маълумоти истифодашуда, кофӣ будани заминаи сарчашмавӣ, интихоби дурусти усулҳои таҳқиқот ва сатҳи таҳлили илмии маводди ҷамъовардашуда асос меёбад. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз доираи васеи сарчашмаҳои таърихӣ, санадҳои расмӣ, адабиёти илмии ватанию хориҷӣ ва маводди таҳқиқотии марбут ба масъалаи мавриди назар истифода намуда, онҳоро мавриди таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии илмӣ қарор додааст.

Коркарди мақсадноки маводди сарчашмавӣ, муқоисаи маълумоти гуногун ва муносибати таҳлилӣ ба масъалаҳои мавриди таҳқиқ имкон додаанд, ки натиҷаҳои бадастомада аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва қобили эътимод бошанд. Ҳаҷм ва мухтавои интишороти илмии диссертант низ аз сатҳи муайяни коркарди мавзуъ ва муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот дар муҳити илмӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили амиқи маводди илмӣ ташаккул ёфта, бо натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда мутобиқати мантиқӣ доранд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии диссертатсияро аз лиҳози эътимоднокӣ, асоснокии илмӣ ва аҳаммияти таърихӣ қобили қабул арзёбӣ кардан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои амиқтар дарк намудани хусусият ва қонуниятҳои рушди равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Афғонистон дар марҳалаи муҳимми таърихи муосири ин кишвар мусоидат менамоянд. Хулосаҳои илмии диссертант метавонанд барои васеъ намудани тасаввуроти назариявӣ оид ба масъалаҳои давлатсозӣ, буҳрони институтҳои давлатӣ, низоъҳои дохилӣ ва таъсири омилҳои минтақавию байналмилалӣ ба рушди сиёсии Афғонистон заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имкони истифодаи натиҷаҳои он дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, маводди диссертатсия метавонад ҳангоми таълими фанҳои «Таърихи умумӣ», «Таърихи кишварҳои форсизабон», таърихи муосири Афғонистон ва курсҳои махсуси марбут ба таърихи сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва давлатсозӣ истифода шавад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳамчун маводди ёрирасон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва корҳои илмии донишҷӯён, магистрантҳо ва муҳаққиқони соҳаи таърих мавриди истифода қарор гиранд. Аз ин лиҳоз, диссертатсия на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши муайяни амалӣ низ дорад.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф аҳаммияти мавзуъ, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет, усулҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии корро возеҳ ва дақиқ шарҳ додааст.

Боби якум тахти унвони «Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва паёмадҳои он» аз ду зербоб иборат буда, масъалаи суқути ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло ва ташаккули сохтори нави сиёсиро баррасӣ менамояд. Дар зербоби аввал омилҳои дохилӣ ва байналмилалии суқути ҳукумат дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ аз нуктаи назари интиқодӣ таҳлил шудаанд.

Зербоби дуюм ба ишғоли шаҳри Кобул ва таъсиси Давлати исломии Афғонистон бахшида шуда, нақши гурӯҳҳои сиёсӣ ва давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюм тахти унвони «Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ» масъалаи низоъҳои дохилӣ ва вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистонро таҳлил менамояд. Дар он сабабҳо, паёмадҳо ва омилҳои таъсиргузор ба раванди давлатсозӣ баррасӣ шудаанд.

Боби сеюм тахти унвони «Зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон»» аз се зербоб иборат буда, пайдоиш, идеология ва вокуниши ҷомеаи байналмилалиро дар бар мегирад. Дар он омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракат, андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии он, инчунин шаклгирии муқовимат ва масъалаи терроризми байналмилалӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия фикру мулоҳизаҳои ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ пешниҳод гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои ӯ низ мушаххасанд ва қобили қабул арзёбӣ мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот.** Унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба тамъ расонидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия.** Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастомада ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ» пурра ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия низ баъзе нуқсону норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, масъалаи таҳқиқи қиёсии замони ҳукмронии М.Наҷибуллоҳ, муҷоҳиддин ва «Толибон» ворид нагардидааст.
2. Муносибати Ҷумҳурии Афғонистон бо Ҷумҳурии исломии Покистон дар замони ҳукмронии Наҷибуллоҳ (1986-1992), ки ба вазъияти сиёсии кишвар таъсиргузор буд, бояд таҳлил мегардид.
3. Дар таҳқиқот омилҳои табаддулоти сентябри соли 1996 ба таври комил таҳқиқ наёфтааст.
4. Муаллиф бо дастрасии мавод бояд ба ҳадафҳои қавмгароии «Толибон» ва зиддиятҳои аҳзоби сиёсии солҳои 1996-2001 бештар таваҷҷуҳ менамуд.
5. Дар рисолаи диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ низ ба мушоҳида мерасанд.

Аммо эродҳои зикршударо метавон дар мuҳлати муайян бартараф намуд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои мушаххас пайгирӣ гардида, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда дар асоси таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони муосир равшан инъикос гардидааст. Мундариҷаи автореферат бо матни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад ва теъдоди мақолаҳои

нашршудаи унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшаванда кофӣ ва мувофиқи талабот мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ҳамчун кори анҷомёфта арзёбӣ гардида, ба талаботи бандҳои 31–35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 – Таърихи умумӣ) сазовор дониста мешавад.

Доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи таърихи
дунёи қадим, асрҳои миёна
ва бостоншиносии ДМТ — Шарифов Р.Я.

Имзои д.и.т. профессор
Шарифов Р.Я.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

15. 09. 2026